## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дар мавзуи "Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании Сич (*EREMURUS*) дар шароити гуногуни экологӣ" барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия**

Тибқи маълумотҳои илмӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 1500 намуди растаниҳои шифобахш мавҷуд мебошанд, ки аз он 150 намудаш дар тибби анъанавӣ истифода бурда мешаванд. Дар минтақаҳои гуногуни кишварҳои собиқ Шӯравӣ аз тарафи олимон оид ба омӯзиш ва парвариши растаниҳои дорои моддаҳои фаъоли биологӣ таҳқиқот гузаронида шуда, маълумотҳои зиёд оварда шудааст, ки яке аз онҳо растании Сич (*Eremurus*) мебошад. Дар маҷмуъ, 50 намуди растании Сич (*Eremurus*) маълум аст, ки аз он 29 намудаш дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯянд. Даҳсолаҳои охир баъди ба даст овардани истиқлолият, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корхонаҳои фармасевтӣ таъсис дода шуд, ки онҳо ашёи хомро аз дигар давлатҳо ворид мекунанд, азбаски барои таъминот ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ баъзе мушкилот ба назар мерасанд.

Аз ҳамин лиҳоз, таҳқиқотҳои диссертатсионии Султонмамади Гулмамад оид ба омӯзиши растаниҳои худруйи табиӣ , ки хусусияти шифобахшӣ доранд ва то ин ҷониб омӯхта нашудаанд , актуалӣ мебошад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки омӯзиши динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии таркиби растании Сич (*Eremurus*), ки яке аз манбаъҳои ҷолиб ва умедбахши ашёи хом барои истеҳсоли доруҳои растанигӣ мебошанд, зеро онҳо аз пайвастагиҳои фитохимиявӣ: равғани мумӣ, фенолӣ, витаминҳо, сафедаҳо, полисахаридҳои дар об ҳалшаванда ва пектинҳо бой мебошанд.

Диссертант бори аввал дар шароити агроиқлимии минтақаҳои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба захираи умумии массаи биологӣ, усули ҷудо намудани ПФХ аз узвҳои растанӣ вобаста ба давраҳои инкишоф, муайян намудани хосиятҳои физико-химиявӣ ва захрнокии баъзе аз ПФХ растании

таҳқиқотшаванда, ки аз тарафи олимони дигар мавриди омӯзиши пурра қарор нагирифтааст, омӯхтааст. Натиҷаи таҳқиқоти саҳроии амалию назариявии муаллиф дар илм ва истеҳсолот навигонии тоза мебошад.

Дар баробари дигар комёбиҳои рисолаи илмӣ, аҳамияти амалии таҳқиқот боз аз он иборат аст, ки пайвастагиҳои фитохимиявие, ки аз таркиби растании Сичи ҳисорӣ (*E.hissaricus* Vved) ва Сичи калон (*E.robustus* Regel) ба даст омадааст, метавонад дар соҳаи фармасевтӣ ва кишоварзӣ истифода шавад.

Аз ин лиҳоз, дар асоси гуфтаҳои боло, яъне таҳлили автореферати диссертатсия қайд кардан зарур аст, ки кори диссертатсионӣ дар мавзуи "Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании Сич (*EREMURUS*) дар шароити гуногуни экологӣ" ба талаботи КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Султонмамади Гулмамад барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия сазовор мебошад.

Директори Маркази илмии кишоварзии
Помир-и АИКТ,н.и.б С.М. Мусоев

Имзои н.и.б С.М. Мусоев-ро тасдиқ мекунам.
И.в. нозири кадрҳо , коргузор Наврузшоева С.
14.05.2024.

Суроға: 736002. ш.Хоруғ, кучаи ба номи У.Холдоров 1.

Почтаи электронӣ: smusoev1960@gmail.com ;тел. мобилӣ:93 417 24 89